ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 дар назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи "Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ – иҷтимоӣ), ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст

1.Мавзуи диссертатсионии Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич, ки ба таҳқиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Масъалаи маориф яке аз масъалаҳои калидӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад. Рушди он ба тамоми ҷанбаҳои муносибатҳои ҷамъияти таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва пажӯҳиши соҳаи маориф дар давраи гузариш яке аз вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад. Муҳимияти мавзуъи таҳқиқшаванда инчунин дар он аст, ки вобаста ба талаботи давраи гузариш ҷиҳатҳои муҳимтарини раванди зина ба зина гузаштани таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу таҳқиқ шаванд, ки зарурияти омӯзиши он дар Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ хеле мушаххас баён шудааст. Аҳамияти таҳлили илмӣ ва назариявии мушкилоти навсозии соҳаи маориф идома дорад. Ислоҳот дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла дар дар низоми сиёсии Тоҷикистон сурат мегирад. Барои навсозии бомуваффақияти низоми таълим иштироки фаъолонаи институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мақомоти худидоракунии маҳалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва худи шаҳрвандон зарур аст. Бинобар ин, сиёсат дар бораи маориф на танҳо хусусияти соҳавӣ, балки хусусияти умуми дошта, зарурияти омӯзиш ва таҳкики илмию назариявии мукаммалро талаб менамояд. Дар замони нав ва бахусус дар раванди ҷаҳонишавӣ аҳамияти масъалаи маориф ва мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои пешрафтаи дунё кӯшиш менамояд, ки санадҳо, меъёрҳо ва барномаҳои давлатии худро дар соҳаи маориф таҷдид ва таҳия намуда, самтҳои инкишофи онро бо низоми меъёрҳои ҷаҳонии маориф мувофиҳ гардонад.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани хусусиятҳои инкишоф ва дурнамои рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф дар шароити дигаргуншаваии ҷомеа мебошад. Барои расидан ба

ҳадафи пешгузошташуда дар таҳқиқот иҷрои вазифаҳои мушаххас пешбинӣ шудаанд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда бо асосҳои назариявию методологӣ ва маводи эмпирикии таҳлил гардида тасдиқи худро меёбанд. Дар диссертатсия миқдори зарурии адабиёти илмӣ, сарчашмаҳои иттилоотӣ ва хулосаҳои илмию таҳқиқотии расман интишорёфта истифода бурда шудаанд. Инчунин эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар маводи таҳлилу таҳқиқгардидаи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф асоснок гардида, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии довталаб дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ ва таҳқиқи равандҳои сиёсӣ таҳия шудаанд.

Навоварии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия зарурияти илмию назариявии таҳқиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф муайян карда шудааст. Тағйири сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф тибқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ва ватанӣ ба роҳ монда шудааст. Роҳои татбиқи равандҳои инноватсионӣ ва модернизатсионӣ дар соҳаи маориф муайян карда шудаанд. Раванди мутобиқнамоии омилҳои мусбати маорифи ҷаҳонӣ ва истифодаи он дар таҷрибаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидаанд.

Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми унвончӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф фароҳам овардааст. Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо, бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи 6D.KOA-079 – ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои

сиёсӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 -уми октябри соли 2024, таҳти № 364 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд инъикоси худро ёфтаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

7. Банди 56-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич дар мавзуи “Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (таҳлили сиёсӣ – иҷтимоӣ, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) дар Шӯрои дессертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Назар М.А. – доктори илмҳои фалсафа, сарходими илмии шуъбаи фалсафаи иҷтимоии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ;
- Саидзода Ш.Ш. – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шавад.

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ Ш. Шоисматуллоев

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои сиёсӣ П.А.Муҳаммадзода
доктори илмҳои сиёсӣ Л.Ш. Шарифзода